«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илми филология, профессор
Гулназарзода Жило Бурӣ ____________
«23» ___01___ соли 2023.

**Хулосаи**
**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

Диссертатсияи Ширинова Бахтинисо Баҳридиновна «Поэтикаи достони «Юсуф ва Зулайхо"-и Абдурраҳмони Ҷомӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт, Матншиносӣ, нусхашиносӣ) дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба анҷом расидааст.

Ширинова Бахтинисо Баҳридиновна соли 2005 ихтисоси забон ва адабиёти тоҷики (омӯзгор) Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистонро хатм карда, соҳиби касби "филологи тоҷик" гардидааст. Роҳбари илмӣ– Элбоев Вафо Ҷӯрақулович - доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 26-уми декабри соли 2014, қарори № 5/4-1 тасдиқ шудааст.

**Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Аҳамияти мавзуи таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки моҳияти мавзуи таҳқиқшаванда ва мубрамияти он арзёбӣ гардида, масъалаҳои поэтикаи асар дар ҳамбастагӣ бо муҳтаво, сохтор, манбаъҳо, сарчашмаи достон, нусхашиносӣ ва шарҳнависӣ ба он ва образҳо таҳлилу баррасӣ карда мешаванд. Моҳияти мавзуи таҳқиқшавандаро,

инчунин, масъалаҳои ҷойгоҳи фоҷиа дар достон, афкори адабии шоир, ҳунари шоир дар офаридани достон, мақоми унсурҳои мусиқӣ, тасвири унсурҳои табиат дар достон ва ғайра низ бозгӯӣ мекунанд, ки баррасии ин масъалаҳо то ҳол дар адабиётшиносии тоҷик ба таври таҳқиқоти алоҳидаи монографӣ бозгӯӣ нашудаанд ва аз аҳамияти зиёди илмӣ бархурдоранд. Таҳқиқи масъалаҳои баёнгардида фазои пажӯҳиши мукаммали достонро муайян мекунад ва нақши мусаннифи онро дар баёни гуфтораш, ҳунари шоирияш, навҷӯиву навгӯиҳояш ба таври пурра бозгӯӣ менамояд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ.** Мақсади асосии таълифи диссертатсия таҳқиқу баррасии поэтикаи достони "Юсуф ва Зулайхо"-и Ҷомӣ ба ҳисоб меравад, ки аз баррасии масъалаҳои пажӯҳиши муҳтаво, таҳқиқи манбаъҳои достон, сюжет, образҳо, ҷойгоҳи фоҷиа, ҳунари шоир дар эҷоди асар, мавқеи санъатҳои бадеӣ, забон ва баёни шоир, мақоми унсурҳои мусиқӣ, табиат ва унсурҳои муколама дар ин асари Ҷомӣ иборат мебошад. Барои расидан ба ҳадафҳои меҳварии таҳқиқ бозгӯии як қатор масъалаҳои дорои ҷанбаҳои назариявӣ ва амаливу таҳлилӣ дар робитаи байниҳамдигарӣ ба таври муназзам ҳал карда мешаванд:

-таҳқиқи мавзуи достонсароӣ дар асри XV ва ҷойгоҳи достонҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ дар ин давра;
-пажӯҳиш дар масъалаи ҷомишиносӣ дар Тоҷикистон;
-таҳлили манбаъҳо ва муҳтавои достони "Юсуф ва Зулайхо";
-таҳқиқи нусхашиносӣ ва шарҳнигорӣ бар достон;
-омӯзиши масъалаҳои сохти композитсионӣ (архитектоника) ва таҳлили образҳои достон;
-нишон додани ҷойгоҳи фоҷиа дар достон;
-таҳқиқу баррасии афкори адабии шоир дар достон;
-ошкор намудани ҳунари шоир дар офаридани достон ва тасвирофаринӣ;
-таҳқиқ дар истифодаи санъатҳои бадеӣ ва забони достон;
-муқаррар намудани мақоми унсурҳои мусиқӣ, табиат, мунозира ва паёмҳои шоирона ҳамчун хати ҳунарӣ дар достон.

Натиҷаҳои илмии ба дастовардаи муаллифи диссертатсия имкон дорад, ки дар таҳқиқи масъалаҳои умдаи илмҳои таърихи адабиёт, адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, матншиносӣ, сабкшиносӣ, назарияи адабиёт, ахлоқ, фарҳанг, таъсири Қуръон ба адабиёти форсии тоҷикӣ, мардумшиносӣ ва ғайра барои анҷоми корҳои таҳқиқотӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Дар диссертатсия таҷрибаи ғании донишмандони Тоҷикистон, Россия, Эрон, Ҳиндустон, Озарбойҷон ва давлатҳои аврупоӣ, ба мисли: Е. Э. Бертелс, А. А. Кримский, И. С. Брагинский, М. Б. Пиатровский, Г. Этте, Ч. Рё, Шиблии Нуъмонӣ, Саид Нафисӣ, Забеҳулло Сафо, Муҷтабо Минуӣ, Муҳаммадамин Риёҳӣ, Абдурасул Хайёмпур, Сайидалӣ Оли Довуд, Х. Мирзозода, С. Имронов, А. Афсаҳзод, Х. Шарифов, А. Зуҳуриддинов, А. Қулиев, Ҷ. Нагиева, А. Насриддинов, А.Сатторов, С. Амирқулов, Н. Салимов, А. Абдусатторов, У. Ғаффорова, В. Элбоев, Ф. Насриддинов, С. Азорабеков ва дигарон истифода шудааст.

**Навоварии илмӣ дар он зоҳир мешавад, ки** дар диссертатсия бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик масъалаҳои марбут ба поэтикаи достони "Юсуф ва Зулайхо"-и Ҷомӣ дар доираи як асари мустақил мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Инчунин, баҳсу баррасии масъалаҳои манбаъ, муҳтаво, нусхашиносӣ, шарҳнависӣ, сохти композитсионӣ, ҷойгоҳи фоҷиа дар достон, масъалаҳои афкори адабии шоир дар асар, ҳунари шоир дар тасвирсозӣ, мавқеи санъатҳои бадеӣ, забон, мақоми унсурҳои мусиқӣ, табиат, мунозира ва паёми шоирона дар достон мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд.

Аҳамияти назарӣ ва натиҷаҳои амалии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки маводи диссертатсияро метавон барои таълифи китобҳои дарсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва донишгоҳӣ аз таърихи адабиёти тоҷик, таърихи адабиёти тоҷикии Фарорӯд, таърихи адабиёти сӯфия, таълифи фарҳангҳои ирфонӣ, рисолаҳои илмии марбут ба масъалаҳои забоншиносӣ, поэтикаи забони осори классикӣ, сабкшиносӣ ва амсоли инҳо истифода намуд. Маводи диссертатсияро дар таҳқиқи ҷомеи адабиёти асри XV, таъйиди рӯзгору осори Ҷомӣ,

хондани лексияҳо, навиштани рисолаҳои илмии доктории дараҷаи PhD, магистрӣ, рисолаҳои хатми донишгоҳӣ, комплексҳои таълимӣ, корҳои курсӣ дар факултетҳои филологӣ ва забонҳои Шарқ, дар ҷараёни таълими дарсҳо аз фанҳои таърихи адабиёт, адабиётшиносӣ, сабкшиносӣ, аз ҷумла таърихи адабиёти тоҷик, назмшиносӣ, каломи бадеъ, таърихи забон ва монанди он истифода бурдан мумкин аст.

Диссертатсияи Ширинова Б. Б. кори илмии ба анҷомрасида буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт, Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мувофиқ аст.

Мақолаҳои чопнамудаи унвонҷӯ ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия мувофиқат мекунанд:

[М1]. Дараҷаи омӯзиши ҳаёту фаъолияти Ҷомӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши “Филологӣ” Душанбе: Сино. 2015.-№4/5(174).- С. 242-247.

[М2]. “Юсуф ва Зулайхо” дар Инҷил ва Қуръон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши “Филологӣ” Душанбе: Сино. 2015.-№4/10(187).- С. 204-211.

[М3]. Таҳлили муқоисавии қиссаи хоби Юсуф паёмбар дар Инҷил, Қуръон ва достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ: Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Душанбе-2015.-№6 (67).- С. 207-211.

[М4]. Чанд ақидаи ахлоқию педагогии Абдурраҳмони Ҷомӣ // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. Силсилаи илмҳои педагогӣ ва психологӣ. Душанбе-2018.-№1 (21).- С. 45-48.

[М5]. Манбаъҳои достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Абдураҳмони Ҷомӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ: Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Душанбе-2020.-№3 (86).- С. 116-120.

Кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода рисолаи Ширинова Бахтинисо Баҳридиновнаро кори илмии ба итмомрасидаи муҳиму пураҳамияте меҳисобад, ки дар сатҳи хуби илмию таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба ҳамаи талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯ аст.
Дар ин замина, диссертатсияи мазкурро барои дифоъ аз руйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт, Матншиносӣ, нусхашиносӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология тавсия менамояд.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 16 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 16 нафар, "муқобил" - нест, бетараф- нест, суратмаҷлиси №5/1, аз 20-уми январи соли 2023.

**Раиси ҷаласа, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёт** **Шамсов Н. С.**

**Котиби ҷаласа, н.и.ф., дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёт** **Боев Ш. Э.**

**Имзои Шамсов Н.С. ва Боев Ш. Э.- ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода** **Юсупова Б.Ғ.**

ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Нишонӣ: 734019, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
Тел.: +992 372325000; Факс: +992 372325003
Сомона: www.ddzt.tj E-mail : ddzt@ddzt.tj